“Тасдиқ мекунам”
Ректори МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода”, номзади илмҳои филологӣ, дотсент
____________ Назарзода М. М.
“___” ____________соли 2025.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаии пешбар ба диссертатсияи Султонов Муҳаммадато Исоевич дар мавзуи ““Садои мардум” – ҳамчун нашрияи парламентӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Султонов Муҳаммадато Исоевич дар мавзуи ““Садои мардум” – ҳамчун нашрияи парламентӣ” ба бандҳои 9-10-уми бахши “Соҳаҳои таҳқиқот”-и шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад.

Марҳилаи бозсозӣ ва ба истиқлоли давлатӣ расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи воқеии дигаргуниҳоро дар тафаккур ва андешаронии мардум ба амал овард, ки ин омил яке аз сабабҳои таъсис ва ташаккули воситаҳои ахбори оммаи сифатан нави миллӣ гардад. Зери таъсири вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ба вуҷудомада, ҷараёни худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ низ нуфуз ёфта, омили зуҳур ва таҳаввули вазъи иттилоотӣ гардидааст. Нақши омилҳои номбаршуда дар таъсис ва ташаккули рӯзномаҳои ҳукуматӣ низ чашмрас гашта, натиҷаи он пайдоиши рӯзномаи парлумонии “Садои мардум” ҳамчун нашрияи мақомоти Совети Олии РСС Тоҷикистон гардидааст. Ин рӯзнома дар низоми матбуоти даврии тоҷик нахустин рӯзномаи парлумонӣ ба ҳисоб рафта, дар тули фаъолияти хеш дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ мавқеъ ва ҷойи худро пайдо кардааст. Омилҳои таъсис, таърихи нашр ва махсусиятҳои мундариҷавию жанрии рӯзномаи “Садои мардум”, ки дар давоми солҳои муайян шакл ва ташаккулу таҳаввул ёфтааст, имкон медиҳад, ки фаъолияти нахустин рӯзномаи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вижагиҳои типологии он мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шавад. Дар ин ҷараён, аз ҷиҳати амалӣ ва назарӣ мушаххас намудани марҳилаҳои ташаккул, нақш ва ҷойгоҳи рӯзномаи

“Садои мардум” дар солҳои ноорономии вазъи кишвар, ҷараёни дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеа, ташаккули таҳияи қонунҳо, оммавикунонии қонуну қарорҳо ва асноди расмиву ҳуқуқӣ, ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, шаклгирии афкори нави омма, ҳамдигарфаҳмӣ, қонеъ намудани талаботи маънавии ҷомеа ба ахбори муҳим ва созанда, аз ҷумла, оид ба мушкилоти сиёсиву иҷтимоӣ, забону адабиёт ва фарҳангии миллӣ низ муҳим буда, ин усули пажӯҳиш имкон медиҳад, ки бобати тазодҳои давраи гузариш, тарз ва равишҳои рушд ва таҳаввули матбуоти даврии сифатан нав дар асоси таҷрибаи ин нашрияи парлумонӣ сухан карда, дар матни воқеиятҳои давраҳои гуногун ба нақш ва ҷойгоҳи ин рӯзнома дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ ҷиҳати таҳкими таҷрибаи қонунгузорӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва амсоли ин баҳо дода шавад. Ин ҳама аз мубрамии пажӯҳиши мавзуи мазкур шаҳодат медиҳад. Аҳаммияти кори таҳқиқии Султонов Муҳаммадато Исоевич, пеш аз ҳама, дар он зоҳир меёбад, ки мавзуи ““Садои мардум” – ҳамчун нашрияи парламентӣ” бори аввал дар қолаби диссертатсия таҳқиқ шудааст. Ин мавзуъ дар журналистикаи тоҷик мавзуи комилан нав ба шумор меравад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Саҳми шахсии диссертант дар омӯзиш ва пажӯҳиши рӯзномаи “Садои мардум” дар ҷамъоварии маводди сарчашмаҳои назариву амалӣ, омӯзиш ва натиҷагирӣ аз пажӯҳишҳои илмии олимони соҳа, фарогирӣ ва муқоисаю баҳрабардорӣ аз назариёти олимони ватаниву хориҷӣ, омода намудани мақолаю маърузаҳо ва нашри рисолаю дастури таълимӣ доир ба мавзуи мазкур зоҳир мегардад. Таҳқиқоти анҷомёфта маҳсули заҳмати чандсолаи унвонҷӯ буда, ниҳоят дар шакли рисолаи диссертатсионӣ ба анҷом расидааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал дар журналистикаи тоҷик мавзуи «“Садои мардум” – ҳамчун нашрияи парламентӣ» мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, масъалаҳои мартуб ба омилҳои пайдоиш ва ташаккули ин рӯзнома, ҷанбаҳои мавзуӣ, ва мансубияти жанрӣ баррасӣ гардидаанд.

**Аҳаммияти назарии** диссертатсия бо он асоснок мегардад, ки таҳқиқи масъалаҳои матраҳшаванда ва равиши таҳқиқии диссертант дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгуни нашрияҳои парлумонӣ ҳамчун типи нави матбуоти даврӣ шинохта шавад, симо, нақш ва мавқеи рӯзномаи “Садои мардум” дар низоми матбуоти даврии тоҷик ва фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва мушаххас гардад. Инчунин то андозае барои равшан намудани

инъикоси воқеиятҳои сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангии кишвар ва савияи касбии рӯзноманигорон ва мухбирони ин рӯзнома мусоидат карда, нуктаҳои норавшани таърихи матбуоти даврии тоҷик ва пубтлисистикаро шарҳ дода, фаъолияти нашрия ва мухбирони он дар партави дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоии солҳои 90-уми асри XX ва баъди он арзёбӣ шуда, холигие, ки дар ин марҳила вуҷуд дошт, пур карда шудааст.

**Аҳаммияти амалии** диссертатсияи мавриди назар дар он зоҳир меёбад, ки аз маводи рисола, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он метавон дар навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, таҳқиқи масъалаҳои ҷудогонаи журналистикаи тоҷик, таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрантҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни факултетҳои журналистикаи донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти махсуси журналистӣ истифода кард.

Диссертатсияи Султонов Муҳаммадато Исоевич аз муқаддима, 3 боб, 7 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва номгӯйи таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва сарчашмаҳои он, равишҳо ва навгониҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тавсиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва ғайра ба таври муфассал нишон дода шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия **"Омилҳои пайдоиш ва ташаккули нашрияи "Садои мардум""** ном дошта, таҳқиқи ин масъала дар ду фасл анҷом дода шудааст. Фасли якум **"Вазъи сиёсиву фарҳангии замони бозсозӣ ҳамчун омили таъсиси нашрия" ва** фасли дуюм **"Марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули рӯзномаи "Садои мардум" пас аз Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон"** унвон гирифта, дар он дисертант баъди таҳқиқ ба хулосаи дуруст омада чунин мегӯяд: "Вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии солҳои навадуми садаи бист заминаи воқеиро барои пайдоиш ва ташаккули нашрияи "Садои мардум" ба вуҷуд овард, ки яке аз омилҳои муассири дигари он зуҳури наҳзатҳои идеявию сиёсии ҷанбаи миллидошта мебошад. Маҳз, ҳамин омил ба шаклгирӣ ва фаъолияти ин нашрия асоси воқеӣ ба вуҷуд овард ва таваҷҷуҳи оммаро ба нашрия зиёд намуд. Ба ин далел, нахустин рӯзномаи парлумонии кишвар дар заминаи ормонҳои муайяни истиқлолхоҳӣ, ҷаҳоншиносӣ, сиёсӣ,

иҷтимоӣ ва миллӣ ба вуҷуд омада, ҳамин тамоюли мусбат ташаккул ва таҳаввули минбаъдаи ин нашрияро дар тули солҳо муайян намуд".

**Боби дуюми** диссертатсия **"Вижагиҳои шаклию мундариҷавии нашрия"** низ аз ду фасл иборат мебошад. Фасли якум **"Вижагиҳои ороиш ва дизайни нашрия"** ва фасли дуюм **"Таснифоти мавзуии маводди нашрия"** ном гирифта дар он унвонҷӯ баъди пажӯҳиш ба хулосаи амиқ омада, андешаи хешро чунин баён намудааст: "Ороиш ва дизайн ҷузъи асосии сохтори мундариҷавӣ ва зебоишиносии рӯзномаи "Садои мардум" будааст. Хусусияти ҳирфаии ороишӣ ва дизайнии рӯзнома дар ҳамаи марҳалаҳои инкишоф бо мундариҷа таносуби комил дошта, рангорангии ҳуруф, саҳифаоройӣ, истифодаи акс ва маҷмуи аломатҳои матбаа шаклу мундариҷаи ботинӣ ва зоҳирии нашрияро ғанӣ ва зебо сохтааст. Ороиш ва саҳифабандии рӯзнома мувофиқи талаботи вақт ва хостаҳои доираи васеи хонандагон сурат гирифта, ҷузъи ороиш, ташкили сохтори нави графикӣ ва тарзи муассири саҳифабандӣ ҷанбаи зебоишиносӣ ва равоншиносонаи нашрияи парлумониро диққатангез намудааст".

**Боби сеюми диссертатсия "Таносуби жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи "Садои мардум""** дар се фасл мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар фасли якуми боби сеюм **"Воқеиятҳои муҳими рӯз ва инъикоси онҳо дар қолаби жанрҳои хабарӣ"** махсусиятҳои хабарҳои рӯзномаи "Садои мардум" бо дарназардошти омилҳо, тарзи таҳия, василаҳои хабарсоз, маҳорати хабарнависӣ, усулҳои таҳияи хабар, анвои хабарҳо, дид дар хабар ва амсоли ин таҳлилу таҳқиқ гардидааст.

Дар фасли дуюми боби сеюм **"Мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар баррасии масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ"** истифодаи жанрҳои таҳлилӣ дар шарҳу тавзеҳ ва баррасии масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ баррасӣ гардидааст. Диссертант бо таҳлили маводи таҳлилии рӯзномаи "Садои мардум" ба хулосаи дуруст омада чунин мегӯяд: "Жанрҳои таҳлилӣ барои рӯзномаи "Садои мардум" василаи муҳим ва муассири инъикоси воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии ҳаёти ҷумҳурӣ буда, ҷанбаи амиқи публитсистӣ ва таъсиргузорӣ доранд. Маводҳое, ки дар жанрҳои таҳлилӣ чоп шудаанд, ба тарзи дарки предмет, инъикоси воқеиятҳо, миқёси хулосаҳову умумиятдиҳӣ ва хусусияти услубии воситаҳои баёну тасвир фарқ мекунанд. Аз омӯзиш маълум гардид, ки нашрия бештар ба чопи мухбирнома, табсира, суҳбат, хулосаи матбуот, мақола ва нигориш диққат додааст".

Фасли сеюми боби сеюм **"Муаррифии корномаи шахс дар жанрҳои лавҳаву очерк"** унвон дошта дар он диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки такя ба таҳлили маводи дар ин рӯзнома нашршуда ба хулосаи зарурӣ омада,

чунин гӯяд: “Муаррифии корномаи шахс ба воситаи осори публитсистию бадеӣ яке аз василаҳои шинохти ҳақиқати зиндагӣ ва амалу кирдори инсонҳои касбу кори гуногун мебошад, ки бо тасвири образнок дар жанрҳои лавҳаву очерк инъикос мешавад. Лавҳаҳо ва очеркҳои рӯзномаи “Садои мардум”, аз назари хусусияти жанрӣ қобили мулоҳиза буда, тасвир ва муаррификунандаи корномаи шахс дар заминаи воқеиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон мебошанд”.

Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант дар бахши **“Хулоса”**-и диссертатсия дар 20 банд манзур гардида, аксари онҳо натиҷаи баррасиҳои бобу фаслҳои диссертатсия мебошанд. Рӯйхати адабиёти истифодакардаи диссертант мувофиқи меъёр ва талаботи феҳрастнигорӣ танзим гардидааст.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои илмӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳанд шуд:

1. Дар бахши дараҷаи пажуҳиши мавзуъ адабиёти зиёд номбар шудааст, ки дуруст мебошад. Ба назари мо, агар унвонҷӯ баъзе аз адабиётро мухтасаран шарҳ медод, дараҷаи илмияти кор боз ҳам баланд мегардид.

2. Унвони фасли дуюми боби аввали диссертатсия – “Марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули рӯзномаи “Садои мардум” пас аз Истиқлоли давлатии Тоҷикистон” андаке ислоҳ мехоҳад. Ба андешаи мо, унвони ин фаслро дар шакли “Марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули рӯзномаи “Садои мардум”” таҳрир намудан дурустар мебуд, зеро фаъолияти ин нашрия, асосан дар замони истиқлолияти кишвар рост меояд.

3. Ба назари мо, аз он сабаб ки “Садои мардум” рӯзномаи парлумонӣ асту онро метавон рӯзномаи соҳавӣ низ номид, як фасли нав дар боби якум зери унвони “Пайдоиш ва ташаккули рӯзномаҳои соҳавии тоҷик” илова намуда, аз таърихи пайдоишу ташаккули аввалин рӯзномаҳои соҳавии тоҷик маълумот дода, дар муқоиса фарқияту бартарии рӯзномаи “Садои мардум” ба пажуҳиш кашида мешуд, диссертатсия боз ҳам мукаммал мегашт.

4. Фасли дуюми боби сеюм “Мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар баррасии масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ” ном дошта, маводи дар жанрҳои таҳлилӣ таҳияшудаи рӯзномаи “Садои мардум” ба таҳлил кашида шудаанд. Ба андешаи мо, дар ин фасл нисбат ба баъзе маводи дар қолаби жанри нигориш ба таҳлил кашидашуда то андозае ба умумигӯйӣ роҳ дода шудааст. Талаботи жанри нигориш он аст, ки якчанд рӯйдоду воқеаҳои ба як мавзуъ дахлдоштаи як давраи муайян аз як ҳафта сар карда то як муҳлати муайян ба таҳлил кашида шуда, аз он хулосабарории мантиқӣ ба даст оварда мешавад. Баъзе маводи ба жанри нигориш мансубдонистаи унвонҷӯ ба жанри тафсир

мутаалиқ буда, дар он як рӯйдоди ба як мавзуъ дахлдошта шарҳу эзоҳ дода шудаанд, ки ба жанри нигориш камтар иртибот доранд.

5. Дар диссертатсия дар баробари услуби илмӣ услуби публитсистӣ низ ба мушоҳида расида, дар саҳифаҳои алоҳидаи он баъзан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи он ба манфиати кор хоҳад шуд.

Норасоиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, дар умум, арзиши илмии кори диссертатсионии Султонов Муҳаммадато Исоевичро халалдор намесозанд. Диссертант вазифаҳои дар назди хеш гузоштаашро дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расонидааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Султонов Муҳаммадато Исоевич дар мавзуи «“Садои мардум” – ҳамчун нашрияи парламентӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Автореферати диссертатсия ва маводи интишорнамудаи муаллиф фарогири мухтавои асосии диссертатсия буда, аз 6 мақолаи нашршуда 4 номгӯйи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Мақолаҳои ба табъ расонидаи унвонҷӯ аз нигоҳи мавзуъ ва масъалагузорӣ муҳим ва аҳамиятнок буда, ифодагари қобилият ва маҳорати таҳқиқии ӯ мебошанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Султонов Муҳаммадато Исоевич бо аҳаммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии дархостшаванда сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” Муъминҷонов Зулфиддин омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 28-уми апрели соли 2025 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 7 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 7 нафар, зид – “нест”, бетараф – “нест”.

Суратҷаласаи № 2, аз 28.04.2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонии
МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода” Галимова Моҳинур

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонии
МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода” Муъминҷонов Зулфиддин

**Котиби илмии ҷаласа:**
доктори фалсафа (PhD) муаллими
калони кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонии
МДТ “Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода” Мулоева Нишона

**Имзоҳои М. Галимова, З. Муъминҷонов**
**ва Н. Мулоеваро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати
Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода” Ҳамидова Зарина

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 73а.
Телефон: (+992 37) 231- 45- 45.
E-mail: www.ddst.tj
29 апрели соли 2025